11 10 2019



**Тачрибаи сулхи точикон минбаъд аз чониби Созмони Милали Муттахид хамчун тачрибаи нодири расидан ба сулху субот эътироф гардид ва дар чараёни халли масъалаи сулху оромӣ дар минтакахои даргири чахон истифода шуда истодааст. Эмомалӣ РАХМОН**

Истиклолияти давлатӣ барои мо далели возеху бебахси пойдории давлат, бакои миллат, рамзи асолату хувияти миллӣ, мазхари идеалу ормонхои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва ба чахони мутамаддин пайвастани кишвари сохибистиклоли Точикистон мебошад.

Дар тахкими Истиклолияти давлатӣ ва рушду такомули давлатдории навин Точикистон пайваста кадамхои устувор гузошта, дар 28 сол ба дастовардхои назаррас ноил гардид.

Дар ин давра бо максади тахкими пояхои Истиклолияти давлатӣ ва рушди иктисоди миллӣ тадбирхои зиёд амалӣ шуда, барои таъмини зиндагии шоистаи хар як фарди чомеа барнома ва стратегияхои мушаххас кабул гардидааст. Ба шарофати истиклолият дар Чумхурии Точикистон мархила ба мархила сатхи зиндагии мардум низ рӯ ба бехбудӣ овардааст.
Дар тӯли солхои истиклолият дар чумхурӣ иктисодиёти бисёрчанба ташаккул ёфт, ки дар он ба тичорати хурд ва сохибкорӣ таваччухи хосса дода мешавад. Бо назардошти ахамияти стратегии ин бахш барои тараккиёти давлат ва рушду хавасмандгардонии ин самт ба таври назаррас сода кардани тартиби бакайдгирии субъектхои сохибкорӣ ва мухимтар аз хама хифзи хамачонибаи хукук ва манфиатхои конунии сохибкорон диккати махсус дода шуд.
Яке аз омилхои асосии пешрафти иктисодиёт устувории гардиши он мебошад, ки дар навбати худ аз вазъи хукук вобастагии калон дорад. Дар ин чода аксаран бахсхое, ки аз амалисозии фаъолияти иктисодӣ ба вучуд меоянд, аз чониби иштирокчиёни муомилот мустакилона бо назардошти манфиатхои тарафайн дар асоси созиш ё гуфтушунид хал мегарданд. Аммо кисмати зиёди бахсхо, ки хукук ва манфиатхои иштирокчиёни онхо поймол мегарданд дар судхои иктисодӣ баррасӣ мегарданд, зеро дастрасӣ ба адолат дар рушди тичорати хурд ва сохибкорӣ накши мухим мебозад. Имрӯз дар мамлакат судхои иктисодӣ индикатори асосии иктисодиёти давлат ба шумор рафта, бахри химояи манфиатхои иктисодии субъектхои хочагидорӣ, инчунин, химояи хукуки вайронкардашуда ё мавриди бахс кароргирифта ва манфиатхои конунии давлат, корхонаву муассисахо, ташкилотхову шахрвандон дар сохаи фаъолияти сохибкорӣ ё дигар фаъолияти иктисодӣ ва мусоидат намудан ба тахкими конунияту пешгирии хукуквайронкунӣ дар сохаи фаъолияти сохибкорӣ ва дигар фаъолияти иктисодӣ адолати судиро татбик менамоянд.

Бо гузарондани ислохоти судӣ ва такмил додани конунгузорӣ мурофиахои судӣ ба сатхи сифатан нав гузашта, мухлати баррасии парвандахо кам гардида, мархилахои судие, ки дар он такрор ба такрор парванда баррасӣ мегардид, хорич ва низоми истехсолоти ичро сода гардонда шуд. Яъне, хокимияти судӣ, ки вазифахои асосии он дар таъмини хифзи хукук, озодии инсону шахрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисахо ва конунияту адолат ифодаи бевоситаи худро меёбад, ба пешравихои назаррас ноил гардид.
Ин хама комёбихо, ки дар зарфи бисту хашт соли сохибистиклолӣ ба даст омадаанд, натичаи захматхои хастанопазири Пешвои муаззами миллат мебошанд. Ин мавкеи Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон мебошад ва имрӯз точики ватандору ватанпараст комилан ин мавкеи сиёсии Рохбари давлатро дастгирӣ менамояд. Зеро муттахид шудан дар атрофи Пешвои миллат кафили рушди Точикистон мебошад.

**Асрорзода ЗУХУРИДДИН, сардори раёсати таъмини ташкили кори судхо,**

**чамъбасти амалияи судӣ, омори судӣ ва арзу**

**шикоятхои шахрвандони Суди Олии иктисодӣ**